# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (PhD), ДОКТОР АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

**Парвандаи аттестатсионии №_______________**

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 20.09.2024, №48**

Барои сазовор донистани Ҳалимзода Музаффар Ҳалим (Ҷулиев Музаффар Ҳалимович), шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) дода шавад.

Диссертатсияи Ҳалимзода Музаффар Ҳалим (Ҷулиев Музаффар Ҳалимович) дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии таъмини ҳамгироии рушди низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёт дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) санаи 12 июли соли 2024, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №62 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №13/шд таъсис дода шудааст.

Докторант (PhD) Ҳалимзода Музаффар Ҳалим (Ҷулиев Музаффар Ҳалимович), соли таваллудаш 26.04.1994, миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳоло ба ҳайси ассистенти кафедраи таҳлили иқтисоди ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Ҷулиев Музаффар Ҳалимович соли 2012 ба Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дохил шуда, донишгоҳи номбурдаро соли 2016 аз рӯйи ихтисоси молия ва қарз хатм намудааст. Номбурда соли 2016 ба зинаи магистратураи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дохил шуда, соли 2018 онро бомуваффақият хатм намудааст.

Соли 2018 ба зинаи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)-и Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дохил шуда, соли 2023 ба итмом расонидааст. Дар рафти иҷрои диссертатсия Ҷулиев Музаффар Ҳалимович докторанти (PhD) кафедраҳои назарияи иқтисодӣ ва молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Дар асоси мактуби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.02.2024 таҳти №07/49/02-71 номбурда шуруъ аз санаи 21.02.2024 барои аз ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт ба ихтисоси 6D050900-Молия гузаштан, фарқияти академӣ супоридааст.

Дар раванди гузаштани марҳилаҳои ҳимоя Ҷулиев Музаффар Ҳалимович насаби худро ба Ҳалимзода Музаффар Ҳалим тағйир додааст.

Мувофиқи нақшаи таълимии шуъбаи омодакунии кадрҳо ва кадрҳои илмӣ-педагогӣ, аз тарафи докторанти (PhD) 180 кредит аз худ шудааст ва имтиҳони ниҳоиро бомуваффақият супоридааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии Данғара.

**Муқарризони расмӣ:**

**Умаров Ҳоҷимаҳмад** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи географияи иқтисодӣ ва сайёҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,

**Қурбонова Фируза Алиҷоновна**- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи кори бонкии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар тақризи худ, ки аз ҷониби н.и.и., мудири кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ - Комилов Н. таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи молия ва қарз баррасӣ ва муҳокима карда шудааст (суратҷаласаи №1, аз 27.08.2024) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Раҳмон Д.С. тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса чунин хулоса шудааст, ки диссертатсияи докторант (PhD) Ҷулиев Музаффар Ҳалимович дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии таъмини ҳамгироии рушди низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёт дар Тоҷикистон», кори илмию таҳқиқотии мустақилона ба итмомрасида дониста шуда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, ки бо “Низомномаи шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ҷулиев Музаффар Ҳалимович барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) сазовор мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) 22 интишороти илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

## ИНТИШОРОТИ ДОВТАЛАБ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### Мақолаҳо дар маҷалаҳои тақризшаванда

[1-М].Ҷулиев М.Ҳ. Арзёбии низоми молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] /М.Ҳ. Ҷулиев //Паёми молия ва иқтисод. Маҷалаи илмӣ-амалӣ Душанбе,2021 -№2 (26)-С.166-174.

[2-М]. Ҷулиев М.Ҳ., Равандҳои идоракунии осебпазирии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.Ҳ. Ҷулиев., С.Ҷ Махшулов. //Паёми молия ва иқтисод. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. Душанбе,2021 -№4 (28)-С.147-156.

[3-М]. Ҷулиев М.Ҳ. Унсури асосии низоми асъори миллӣ ва марҳилаҳои инкишофи он [Матн] /М.Ҳ. Ҷулиев// Паёми молия ва иқтисод. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ Душанбе,2021 -№4 (29)-С.260-268.

[4-М]. Ҷулиев М.Ҳ., Устувории молиявии низоми бонкӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт [Матн] / М.Ҳ. Ҷулиев., С.Ҷ Махшулов. //Паёми молия ва иқтисод. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ Душанбе,2022 -№1 (30)-С.169-176.

[5-М]. Ҷулиев М.Ҳ., Устувории бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ [Матн] / М.Ҳ. Ҷулиев., С.Ҷ Махшулов.,// Иқтисодиёти Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. Душанбе,2022 -№1 -С.115-123

[6-М]. Ҷулиев М.Ҳ., Масъалаҳои асосии такмилдиҳии низоми молиявию бонкӣ ба иқтисодиёт [Матн] / М.Ҳ. Ҷулиев., Т.Т Муслихова.// Паёми молия ва иқтисод. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. Душанбе,2022 -№3 (32)-С.90-96

[7-М]. Ҷулиев М.Ҳ. Муаммоҳои айнии низоми молиявию бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.Ҳ. Ҷулиев// Паёми молия ва иқтисод. Маҷалаи илмӣ-амалӣ. Душанбе,2023 -№ 1 (35) 2023. С. 286-295

[8-М]. Ҷулиев М.Ҳ., Баҳодиҳии коррелятсионӣ ва регрегссионии ҳамоҳангии рушди бахшҳои молиявию воқеии иқтисод дар Тоҷикистон[Матн] / М.Ҳ. Ҷулиев, Ш.Қ. Хайрзода // Паёми молия ва иқтисод. Маҷалаи илмӣ-амалӣ. Душанбе, 2023 -№ 4.2 (32) 2023 С. 14-22

**Дар дигар нашрияҳо:**

[9-М].Ҷулиев М.Ҳ., Таъсири низомӣ бонкӣ ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон.Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии “Рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар” (28 майи соли 2022) ДОТ-Рашт. Саҳ. 244-250.

[10-М].Ҷулиев М.Ҳ., Нақши низоми бонкӣ ба инкишофи рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конференсияи илмӣ –амалии байналмилалӣ дар мавзуи “Муаммоҳои ҳамгироии саноатии кишварҳои Осиёи Марказӣ” бахшида ба солҳои 2022-2026 “ Солҳои рушди саноат”.18-майи соли 2022, шаҳри Душанбе. КТДТТ ба номи М.Осимӣ. саҳ 178-182.

[11-М].Ҷулиев М.Ҳ., Нақши қарзҳои бонкӣ дар рушди ҳадафҳои стратегии кишвар. Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Механизмҳои таъмини устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити саноатикунонӣ ва иқтисодиёти инноватсионӣ» / ДМТ (Душанбе, 10 - феврали соли 2023). Саҳ. 216-220.

[12-М].Ҷулиев М.Ҳ., Заминаҳои назариявӣ ва методологии рушди низоми бонкӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ. Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ “ Арзёби фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”/ ДДМИТ (6-майи соли 2023). саҳ. 79-85.

[13-М].Ҷулиев М.Ҳ., Таъсири низоми молиявию бонкӣ ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи “Таълимоти бефосилаи касбӣ-электронӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ”/ДМТ (Душанбе, 22-юми октябри соли 2021). Саҳ. 123-125.

[14-М].Ҷулиев М.Ҳ., Муносибатҳои байни рушди низоми молиявӣ ва бонкӣ ба рушди иқтисод дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба Рӯзи кормандони мақомоти молия дар мавзуи "Низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлоли давлатӣ: ҳолат ва дурнамои рушди он" / ДДМИТ, ш.Душанбе, 11-12-2021. Саҳ. 89-92.

[15-М].Ҷулиев М.Ҳ., Масъалаҳои асосии фаъолгардонии бахши бонкӣ ба иқтисодиёти давлат. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Саноатикунонии босуръарти кишвар ва муаммоҳои рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" / ҳайати омӯзгорон ва донишҷиёни КИ-ТК-и ш.Душанбе (6-декабри соли 2022). Саҳ. 200-214.

[16-М].Ҷулиев М.Ҳ., Таҳлили иқтисодии муқоисавии нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ дар ММД. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии "Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар шароити муосир" / ДБССТ (28-марти соли 2023). Саҳ. 135-139.

[17-М]. Ҷулиев М.Ҳ., Нақши низоми бонкӣ ва менеҷменти иноватсионӣ дар саноаткунонии кишвар. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии "Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ,таҳлил ва аудит дар шароити муосир" ДБССТ (28-марти соли 2023). Саҳ. 249-253.

[18-М].Ҷулиев М.Ҳ., Низоми бонкӣ механизми асосии рушди иқтисодиёти миллӣ. Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир:муаммоҳои рушд ва роҳҳои ҳалли онҳо" / ДДМИТ (11-марти соли 2023). Саҳ. 335-341.

[19-М].Ҷулиев М.Ҳ., Зарурати танзими низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни ДДМИТ бахшида ба 30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва " Солҳои рушди деҳот,саёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ"(2019-2021) (12-17 апрели соли 2021). Саҳ. 277-282.

[20-М].Ҷулиев М.Ҳ., Нақши низоми бонкӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёти Тоҷикистон. Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бахшида ба солҳои рушди саноат (2022-2026) (18-23 апрели соли 2022) С.473-476.

[21-М].Ҷулиев М.Ҳ., Устувории молияви молиявии низоми бонкӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ. Маводӣ конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни ДДМИТ дар мавзуи "Ташаккули механизми молиявӣ ва иқтисодии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ" Аз рӯи натиҷаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бахшида ба Солҳои рушди саноат (2022-2026) (24-29 апрели соли 2023).

[22-М].Ҷулиев М.Ҳ., Рушди бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Рушди системаи идоракунии инноватсияҳо дар корхонаҳои саноатӣ» Бахшида ба эълон гардидани «Солҳои рушди саноат 2022-2026»(21 октябри 2023)ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ .Саҳ 138-141.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Султонов Зубайдулло Султонович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон бо чунин эродҳо:**

**1.** Ба таври алоҳида муайян кардани сатҳи ҳамгироии байни ташкилотҳои қарзӣ ва субъектҳои гуногуни иқтисодӣ дар шароити имрӯза, ки аз рӯи онҳо дараҷаи ҳамгирои ба таври омафаҳм муайян мегардид.

2. Беҳтар мегардид агар муаллиф муайн менамуд, ки сатҳи ҳамгирой ба соҳаҳои алоҳидаи иқтисодӣ ва бонку ташкилотҳои карзӣ аз ҳамма зиёдтар ба кадом соҳа мебошад.

**2. Самандарзода Искандар Ҳусейн - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур бо чунин эродҳо:**

1. Вобаста ба маҳдудбудани дастрасии корхонаҳои истеҳсолӣ ва дигар соҳибкорони ба ин фаъолият машғулбуда ба қарзҳои низоми бонкӣ, беҳтар мешуд агар дар шакли ҷадвал сабабҳои ин масъала муаян мегардиданд;

2. Оиди вазъияти ба амал омада беҳтар мегардид агар мушкилоти сатҳи пасти ҳамгироии байнисоҳавӣ ба таври назарас муайян мегардиданд.

**3. Қурбонов Абдукарим - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти, кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бо чунин эродҳо:**

1. Коркардҳои муалиф,ки моҳияти аслии рисолаи илмиро нишонмедиҳад дар автореферат ба мушоҳида намерасад ва ин метавонад дар доираи баррасии масъала баҳсҳои иловагиро ба миён меоварад;

2. Дар матни автореферат баъзан ҳолат хатогиҳои граматикӣ ва сталистики ба назар мерасад.

**4. Султонов Мусулмон – номзади илмҳои иқтисодӣ, саромӯзгори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав тақриз эрод надорад.**

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои мукаммалсозии низоми бонкӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доктори фалсафа (PhD) дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***консепсияе коркард шудааст,*** ки бо роҳи тақвият додани ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии таъмини ҳамгироии рушди низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёт, таҳлили заминаҳо ва тамоюлҳои ба вуҷуд омадани ҷалби сармоя

аз тарафи низоми бонкӣ ва бо ин роҳ ба самтҳои афзалиятноки иқтисодиёт сафарбар намудани онҳо ба бахшҳои муҳимми иқтисодиёт ба рушди иқтисодӣ, яъне, эҳёи заминаҳои нави иқтисодиёт, ташкили шаклҳои нави соҳибкории истеҳсолӣ, рушди мақомоти марказию маҳаллӣ дар самти хизматрасониҳои хушсифат, ташкили сохторҳои соҳибкории муташаккил ва муваффақ ҳамчун низоми молиявии рушёбанда, ноил гардидан мумкин аст.

- ***пешниҳод шудааст:*** масъалаи фаъолгардонии низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёт, ҳамбастагии низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёти миллӣ ҳамчун ҷузъи муҳими рушди иқтисодӣ миллӣ ва омили беҳтарсозии сифати зиндагии аҳолӣ, ҷараёнҳои ҳамоҳангии бахши бонкӣ бо иқтисодиёт, коркардҳои дурусти методӣ ва амалии таъсири ин бахши бонкӣ ба рушди иқтисодиёт бо назардошти механизмҳои имконпазири суботи низоми бонкӣ дар шароити мураккабии равандҳои ҷаҳонишавӣ.

- ***исбот шудааст:*** таъсири низоми бонкӣ дар ҳамоҳангӣ бо бахшҳои иқтисодӣ ҳамчун масоили мубрам ва калидӣ дар шароити муосир, васеъ гардонидани меҳвари афзалиятҳои ба истеҳсолот ва хизматрасонӣ, дараҷа ва сатҳи амалиёт ва хизматраониҳои бонкӣ дар ташаккули муҳити ҳамгироии байнисоҳавӣ ва дохилисоҳавӣ, арзёбии сатҳи самарнокии амалиётҳои фаъол ва сердаромади бонкӣ, роҳҳои самаранок ва муассири дастгирии самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ, баланд бардоштани ҳавасмандии бахши бонкӣ бо бахшҳои воқеии иқтисодиёт, муайян намудани дараҷа ва равандҳои осебпазирии бонкҳо ва роҳҳои баромадан аз чунин вазъият, корбарӣ дар самти ташкили муҳити ҳамоҳангӣ ва ҳамгироӣ дар низомҳои таҳқиқшаванда, муайян карда шудааст.

- ***омилҳо ва мушкилоти асосӣ,*** аз он ҷумла: дар сатҳи нокифоя қарор доштани ҳаҷм ва ҳиссаи сармоягузории бонк ба самту соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ, аз он ҷумла бахшҳои воқеии иқтисодиёт, нокифоя будани ҳамгироии бахши бонкӣ бо иқтисодиёт, саривақт барнагаштани қарзҳои додашуда, вобастагии зиёди бонкҳо аз воситаҳои ҷалбгардида бинобар кам будани воситаҳои худии онҳо, баланд будани шиддати хавф дар бахши воқеии иқтисодиёт ва аз тавакал гурехтани бонкҳо, пайвастагии зичи низоми бонкӣ ва иқтисодиёт ба равандҳои ҷаҳонишавӣ, кандашавии мувақати ҳамбастагии бахши бонкӣ бо иқтисодиёт, сатҳи нокифояи пешниҳоди қарзҳо бо бахшҳои воқеии иқтисодиёт ***ошкор ва роҳҳои ҳалли он пешниҳод*** гардидааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***муқаррароти*** асосии кор бо мухтавои консепсияҳои бунёдӣ оид ба вобастагии низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёти миллӣ ва нишондиҳандаҳои он, ки дар асарҳои олимони маъруфи ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳавӣ баён шудаанд, мувофиқат мекунанд ва дар доираи равишҳои консептуалию методӣ, ки дар монографияҳои илмӣ, мақолаҳои тақризшаванда дар маҷалаҳои КОА, маводи конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҳисоботи марказҳои илмиӣ тадқиқотӣ, инчунин,

дар қонунҳо, стратегияву барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён гардидаанд, сурат гирифтааст.

-***исбот шудааст,*** ки рушди иқтисодиёт аз низоми бонкӣ ва низоми бонкӣ аз рушди иқтисодиёт дар муҳити солими ҳамгироӣ вобаста буда, ҳамоҳангии байни онҳо дар Тоҷикистон муайян карда шудааст.

-***консепсияи*** фарогири масоили мубрами ҳамоҳангии рушди низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисоди миллӣ ***пешниҳод шудааст***, ки сатҳи ҳамбастагии бахши бонкӣ ва ҳамвобастагии онро дар шароити мураккаб будани вазъи иқтисодиёт инъикос намуда, пешниҳоди роҳҳои тақвият додани ҳамкориҳои доимии бахши низоми бонкӣ ва бахши воқеии иқтисодиётро дар бар мегирад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок:** дар диссертатсия барои татбиқи ҳадафҳо ва мушаххасоти илмию амалӣ усулҳои таҳлили иқтисодӣ, ҳисобҳои оморӣ, мантиқӣ ва системавӣ, инчунин усулҳои моделсозии математикии ояндабинии нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ, усулҳои муқоисавӣ ва омилӣ истифода шудаанд. Ҳангоми таҳияи хулосаҳои диссертатсия муаллиф ба ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ҳисоботҳои бонкӣ, оморҳои бонкӣ такя намудааст.

- ***баён шудани*** амсилаҳои таъсири низоми бонкиро дар ҳамоҳангӣ бо бахшҳои иқтисодӣ ва афзалиятҳои ба истеҳсолот нигаронидашуда дар бар гирифта таҳлилу пешниҳодҳои илман асоснок манзур гардидаанд. Таҳлил ва арзёбиҳои таъсири низоми бонкӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт, аз он ҷумла ба самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ, ки он аҳамияти иҷтимоӣ ва умумииқтисодӣ доранд дар заминаи ҳамоҳангӣ ва ҳамгироӣ таҳлилу арзёбӣ гардидаанд.

- ***ошкор гардидани*** зарурати ташаккули ҳамгироии низоми бонкӣ бо бахшҳои муҳими иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун масъалаи муҳим бо як қатор таҳлилҳои ҳадафманд асоснок гардидааст.

- ***аз нав такмил додани:*** усулҳои мустаҳкам намудани ҳамкории бонкҳои тиҷоратӣ бо дигар субъектони муҳими иқтисодӣ ва мустаҳкам намудани бахши бонкӣ бо бахши иқтисодиёт ҳамчун роҳҳи ҳалли мушкилот дар давраҳои имрӯза ва оянда пешниҳод ва тавсия карда шуд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)** дар амалия дар он аст, ки натиҷаҳои бадастомадаро дар айни замон метавонанд сохторҳои соҳаи бонкии кишвар дар якҷоягӣ бо бахши воқеии кишвар барои барои баланд бардоштани самаранокии байнияктигарӣ ва зич намудани ҳамкориҳои доимӣ дар фазои ҳамгироӣ истифода намоянд

-***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди тадриси фанҳои «Муомилоти пулӣ ва қарз», «Пул, қарз ва бонкҳо», «Амалиёти бонкӣ», «Менеҷменти бонкӣ»,«Инноватсия дар бонкҳо» «Маркетинги бонкӣ», истифода кардан мумкин аст.

- ***стратегияи*** роҳҳои имконпазири таъмини ҳамгироии низоми бонкӣ бо бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ дар шароити равандҳои ҷаҳонишавӣ ва дигар мураккабиҳои ҷойдошта пешниҳод шудааст.

- ***пешниҳод шудааст: а)*** ҷиҳати рушди босуботи иқтисодиёти кишвар ва таъмини мудовими суботи низоми бонкӣ дарёфти роҳҳҳои имконпазири ҳамгироии институтҳои молиявӣ дар сатҳи фарогир ва меҳварӣ бо бахшҳои иқтисодиёт дар Тоҷикистон мувофиқи мақсад мебошад; б) ҳисса ва ҳаҷми қарздиҳии низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёт тақвият дода шуда, ҷиҳати дастгирии ҳаматарафаи бахши институтсионалӣ бо роҳи дастгирии бахшҳои воқеии иқтисодиёт муҳити рақобати солим ташил гардад; в) дар ташкили дурусти ин раванд пешниҳоди имтиёзҳои фарогир ва қобили қабули тарафҳо ҳамчун механизми асосӣ маҳсуб ёбад.

- **Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

-***ғояи таҳқиқот*** ба муқаррароте асос ёфтааст, ки барои тақвият додан ва мукаммал гардидани механизмҳои ҳамгироии низоми бонкӣ бо бахшҳои муҳими иқтисодиёт нигаронида шудаанд ва онҳо метавонанд дар рушди байниякдигарӣ таъсири мутақобила расонанд.

-***самтҳои*** ояндадори рушди иқтисодиёт ва расидан ба ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар ба татбиқи масоили мубрами сатҳи ҳамгироии низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёт тавасути қарздиҳии низоми бонкӣ амалӣ гардида, махсусан доир ба ҳамгироии бахши бонкӣ бо иқтисодиёт ва вобаста ба воқеиятҳои татбиқшавии он пешниҳодҳои мушаххас карда шудаанд.

- ***методологияи*** таъсири низоми бонкӣ ба самтҳои афзалиятноки иқтисодиёт дар сатҳи равандҳои ҳамгироӣ ҷиҳати таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии давлат ба таври асоснок пешниҳод шудааст.

- ***равиши илман*** асоснокшудаи тавсияҳо ба Бонки миллии Тоҷикистон оид ба зиёд намудани ҳиссаи бонкҳои низомсоз дар ташкили муҳити рақобати солим ҷиҳати фароҳам сохтани муҳити ҳамгироии байнисоҳавӣ дар заминаи пурзӯр намудани захираҳои пулию қарзии бонкҳо, фароҳам овардани инфрасохтори зарурии хизматрасонӣ аз ҳисоби сарчашмаҳои арзони пулӣ ва дарозмуддат. Ҳамчунин пурзӯр намудани иқтидори захиравии низоми бонкӣ ва баланд бардоштани пардохтпазирии бонкҳо пешниҳод гардидааст.

- **муайян карда шуд,** ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи "Антиплагиат" сароҳатан сатҳи онро 75,44% ва автореферати он 83,2% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки:** тамоми марҳилаҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ, ба монанди таҳияи мавзуъ, асоноккунӣ ва мубрамияти он, мақсадгузорӣ ва иҷрои вазифаҳои он, таҳлил ва асосноккунии нишондиҳандаҳои низоми

бонкӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шуда, равандҳои ҳамгироии рушди низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёт дар Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифта, натиҷаҳои мушаххас ба даст оварда шудааст.

- дар омода ва нашр кардани 22 мақолаи илмӣ, ки аз ҷумла 8 - тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Ҳалимзода Музаффар Ҳалим (Ҷулиев Музаффар Ҳалимович) дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии таъмини ҳамгироии рушди низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёт дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии мукаммалсозӣ ва ҳамгироии низоми бонкӣ саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 9,2; 9,3; 10.3;10.1;10.3;10.5;10.7;10.9;10.13; ва 11.10-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва карз) мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 20.09.2024 қарори сазовор донистани Ҳалимзода Музаффар Ҳалим (Ҷулиев Музаффар Ҳалимович) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 12 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла мутахассисон 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 12 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта (1 нафар ба тариқи маҷозӣ) овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос: «Тарафдор» – 12 нафар, «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси**
**шурои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**20 сентябри соли 2024.**